# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода

Мутобиқи моддаи 59 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои Тартиби мазкурро дар доираи маблағҳои ҳамасола дар буҷети давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешбинишаванда, ҷалби маблағҳои сармоявии шарикони рушд ва дигар манбаъҳои маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 26 феврали соли 2022, № 62

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26 феврали соли 2022, №62

тасдиқ шудааст

# Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода (минбаъд - Тартиб) бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода таҳия шудааст.

2. Мақсади Тартиби мазкур ин андешидани тадбирҳо оид ба пешгирӣ, расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ, кумаки тиббӣ, наҷоти ҳаёти ҷабрдидагон ва бартараф намудани таъсири давомноки омилҳои осебрасонанда мебошад.

3. Расонидани дастгирии тиббӣ ва кумаки таъҷилии тиббӣ бевосита аз ҷониби қувва ва воситаҳои зернизоми вазифавии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар доираи низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, тавассути хадамоти махсуси кумаки таъҷилии тиббӣ анҷом дода мешавад.

4. Иҷрои корҳо доир ба расонидани кумаки аввалияи тиббӣ бевосита аз ҷониби бригадаҳои кумаки таъҷилии тиббӣ ва дигар намудҳои кумаки наҷотдиҳандагони сохторҳои дахлдори вазорату идораҳо ба анҷом расонида мешавад.

## 2. ТАРТИБИ РАСОНИДАНИ КУМАКИ ТИББӢ

5. Чораҳои мушаххаси кумаки аввалияи тиббӣ аз омилҳои осебрасонанда, офатҳои амалкунанда ва ҷароҳат бардоштани одамон дар ҳолатҳои фавқулода вобастаанд. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани чунин омилҳо, инчунин дигар ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулода дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили гирифтани хуни донорӣ ва ҷузъҳои он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монда мешавад.

6. Дар ҳама зинаҳои шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва беморхонаҳо бригадаҳои махсусгардонидашудаи кумаки тиббӣ дар ҳайати 8 мутахассис аз ҳисоби кормандони доимии мавҷудбуда, аз ҷумла ҷарроҳ, эҳёгар, осебшинос, табиби амрози дарунӣ, акушер-гинеколог, ду ҳамшираи тиббӣ ва ронанда таъсис дода мешавад.

7. Лавозимоти тиббӣ барои расонидани кумак ба 50 ҷабрдида ба назар гирифта шудааст, ки инҳоро дар бар мегирад:

- дефибриллятор - 1 адад;

- сабти барқии дил (СБД) - 1 адад;

- шинаҳо аз осеббардорӣ - 5 адад;

- лавозимоти ҷарроҳӣ - 1 маҷмуъ;

- сандуқи маҷмуии кумаки аввалияи тиббӣ - 1 адад;

- тонометр - 3 дона;

- мошини кумаки таъҷилӣ - 1 адад.

8. Муҳлати муносиб барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ то 30 дақиқа баъд аз осеб ё ҷароҳат бардоштан мебошад. Ҳангоми расонидани кумаки аввалияи тиббӣ дар тӯли 30 дақиқаи аввал, пас аз ҷароҳат бардоштан оризаҳо 2 маротиба камтар рух медиҳанд. Ҳангоми қатъ гардидани нафаскашӣ бошад, вақти мазкур то 5-10 дақиқа коҳиш меёбад.

9. Дар мавриди нарасонидани кумаки тиббӣ дар муддати 1 соат баъд аз гирифтани осеб ё захмбардорӣ шумораи фавтидагон миёни беморони вазнини зарардида то 30%, баъди 3 соат ба 60% ва баъди 6 соат ба 90% расиданаш мумкин аст.

10. Кумаки тиббӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳодисаҳои зерин вобаста ба ҳолатҳои фавқулода расонида мешавад:

- осеббинӣ аз қувваи барқ;

- хунравиҳо;

- захмбардорӣ ва ё буридашавӣ;

- шикасти устухонҳо;

- осеби нуқсонбардории майнаи сар;

- осеббардории сутунмуҳра (ҳароммағз);

- сӯхтаниҳо (физикӣ ва кимиёвӣ);

- таъсироти гармибардорӣ ва офтобзанӣ;

- сармозанӣ;

- ғарқшавӣ;

- заҳролудшавиҳо;

- дигар ҳолатҳои садамавӣ ва фавқулода.

11. Ҳангоми осеббинӣ аз қувваи барқ кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- бо истифода аз имконияҳо манбаи қувваи барқ хомӯш карда мешавад;

- таъсиррасонии минбаъдаи қувваи барқ ба зарардида бартараф карда мешавад;

- аз бадани зарардида ноқилҳои лучшуда гирифта шуда, (бо риояи қоидаҳои бехатарӣ), бо истифода аз лавозимоте, ки қувваи барқро намегузаронанд (тахтаи хушк, чӯб, сарулибос, пораи шиша, резин), аз манбаи қувваи барқ озод карда мешавад;

- агар зарардида нафас нагирад, ба ӯ нафаси сунъӣ дода, маҳси берунаи дил анҷом дода мешавад;

- ҷабрдида аз минтақаи хатарнок дар масофаи на камтар аз 5-8 метр аз қисми неругузаронии ноқил берун карда мешавад.

12. Ҳангоми хунравӣ аз раги шараёнӣ чунин кумаки аввалияи тиббӣ расонида мешавад:

- аз болои ҷойи хунравӣ банд мустаҳкам баста мешавад;

- ба банд ё ҷойи басташуда пораи коғаз часпонида мешавад, ки дар он вақт ва санаи бастан қайд карда мешавад (бандро аз 1,5 соат зиёд нигоҳ доштан мумкин нест);

- ҳангоми хунравӣ аз захми дар гардан ҷойгиршуда, раги шараёнии хоб дар қисмати поёни захми бардошташуда сахт зер карда мешавад;

- барои фавран манъ намудани хунравӣ аз дасту по то ҳадди ниҳоӣ буғумҳо хамида нигоҳ дошта мешаванд;

- ба ҷойи шикаста хунукӣ гузошта мешавад;

- бо истифода аз шинаҳои шикастабандӣ беҳаракатии пурраи ҷойи осебгирифта таъмин карда мешавад.

13. Ҳангоми хунравӣ аз рагҳо қисмати хунрафтаистодаи бадан боло бардошта шуда, бо банд ва ё аз қисмати поёнии ҷойи хунравӣ сахт бо тасмабанд баста мешавад.

14. Ҳангоми хунравии дарунӣ дар дохили шикам ҷабрдидаро хобонида, ӯро дар ҳолати оромӣ нигоҳ медоранд. Ба болои шикамаш зарфи яхдор ва ё оби

хунукдошта ва ба пойҳояш зарфи оби гармдошта гузошта мешавад. Лабҳои ҷабрдида бо матои докагин тар карда мешавад.

15. Ҳангоми захмбардорӣ ва ё буридашавӣ, ба ҷойи харошида кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- захм бояд зери оби ҷорӣ ва беҳтараш бо оби ҷўшонидашуда (хунуккардашуда) шуста шавад, то ин ки аз захм хоку ифлосӣ ва зангҳо берун шаванд;

- бо маҳлули 3% пероксиди гидроген, ҳамчунин бо истифодаи маҳлули гулобии беранги перманганати каллий шуста тоза карда шавад;

- пўсти атрофи захм бо маҳлули йод коркард гардида, баъдан бо бандинаи тамйизшуда баста шавад.

16. Ҳангоми шикасти устухон (шакли кушода ва пўшида) чунин кумаки аввалияи тиббӣ расонида мешавад:

- хунравии шадид ҳангоми шикасти шакли кушодаи устухон бо бандинаи фишоровар ва ё банд манъ карда мешавад;

- аз маводи доруворио бедард ва карахткунанда истифода карда мешавад;

- дар ҷойи шикаста пораи либос бурида мешавад ва ба захм бандинаи тамйизшуда баста мешавад;

- шинаҳо аз осеббардориро тавре бастан лозим аст, ки буғумҳои боло ва поёни ҷойи шикаста беҳаракат бошанд. Агар шина набошад, тахта, тасмаҳои фанерӣ ё картонӣ истифода бурда мешавад;

- зарур аст, ки дасти нуқсонбардошта дар рўймолча ба шакли овезон ва ба китф баста шавад ва пойи нуқсонбардошта бошад, ба пойи солим баста мешавад;

- дар ҳолати шикасти шакли пўшидаи устухон қабати тунуки либос дар ҷойи басташавии шинаи тахтагӣ монда мешавад ва дигар қабатҳои либос бароварда мешаванд;

- ҳангоми шикасти шакли кушодаи устухон хунравиро қатъ карда, баъд аз қатъ гардидани хунравӣ ба захм бандинаи тамйизшуда гузошта мешавад.

17. Ҳангоми зарбхўрии майнаи сар (аломатҳо: дарди сар, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, беҳушшавӣ) кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- ба сари ҷабрдида зарфи яхдор ва ё оби хунукдор гузошта мешавад;

- ҷабрдида дар занбар танҳо ба тарзи уфуқӣ интиқол дода мешавад;

- ҷабрдида ба пушт хобонида мешавад ва дар ҳолати қай кардан сараш ба як тараф гардонида мешавад;

- агар дараҷаи вазнинии ҷабрдидаро мустақилона муайян кардан номумкин бошад, беҳтараш ба ӯ даст расонидан ва кӯшишҳои тоб додан ва ё чаппагардон кардани ӯ анҷом дода нашавад;

- агар ҷабрдида беҳуш бошад, ӯро дар ҷойи сатҳаш сахт бо пойҳо ва ё оринҷҳои қадшуда ба тарафи рост хобонидан зарур аст;

- сари ҷабрдидаро ба ақиб партофта, ба як тараф тоб медиҳанд.

18. Ҳангоми шикасти косахонаи сар (нишонаҳо хунравӣ аз гӯш ва даҳон, ҳолати беҳушӣ) кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- таъсири зараровари муҳити атроф бартараф карда мешавад;

- ҳар ду тарафи сар бо лӯлаҳои аз либос сохташуда мустаҳкам карда шуда, беҳаракатӣ таъмин карда мешавад;

- агар нафасгирӣ аз сабаби фурӯ бурдани забон ба амал ояд, ҷоғи поён ба пеш тела дода мешавад ва дар чунин ҳолат нигоҳ дошта мешавад;

- зимни мавҷудияти захм бандинаи тамъизшуда сахт баста мешавад;

- хунукӣ гузошта мешавад;

- то омадани духтур оромӣ таъмин карда мешавад.

19. Ҳангоми осеббардории сутунмуҳра (нишонаҳои дарди шадиди сутунмӯҳра, нотавонии миёнхамкунӣ ва тобхӯрӣ) кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- эҳтиёткорона, ҷабрдидаро набардошта, ба таги пушти ӯ тахтаи паҳнро дароварда, ҷабрдидаро рӯ ба поён гардонида, қотеона риояи онро, ки бадани ӯ бояд дар ягон ҳолат хам нашавад, назорат кунанд;

- ҳама гуна сарборӣ ба мушакҳои сутунмуҳра истисно карда шавад.

20. Сӯхтаниҳо аз гармӣ ва кимиёвӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

- **дараҷаи якум** - сурхшавӣ ва дарди пӯст;

- **дараҷаи дуюм** - пайдошавии обилаҳо;

- **дараҷаи сеюм** - некрози қисми зарардида;

- **дараҷаи чорум** - сухтаву сиёҳшавии бофтаҳо.

21. Ҳангоми таъсирот аз гармибардорӣ ва офтобзанӣ чунин кумаки аввалияи тиббӣ расонида мешавад:

- ҷабрдида ба ҷои салқин интиқол мешавад;

- бастаи печонида зери сараш гузошта шуда, ба пушт хобонида мешавад;

- либоси маҳдудкунандаи нафас кушода ва ё кашида мешавад;

- сар ва қафаси синаи ҷабрдида бо оби хунук тар карда мешавад;

- сатҳи пӯст, ки бисёр рагҳо дар он ҷамъ шудаанд, тарбандӣ карда мешавад (пешонӣ, қисмати паҳлуии сар ва ғайраҳо);

- агар шахс боҳуш (баёд) бошад, чойи хунук, оби хунуки намакин нушондан зарур аст;

- агар нафаскашӣ халалдор бошад ва набз набошад, нафаси сунъӣ ва маҳси берунаи дил гузаронида мешавад.

22. Ҳангоми сармозанӣ кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- дар ҳоли каме хунукзанӣ, фавран ҷойи хунукзадаро молиш дода, қисмати хунукшудаи он фавран бояд гарм карда шавад (бо истисно намудани эҳтимолияти зарарёбии пӯст, захмбардории он);

- дар ҳолати гум шудани ҳассосият, сафедча шудани пӯст, ба зудӣ гарм кардани қисматҳои хунукзадаи бадан ҷоиз нест ва бандинаҳои гармидиҳандаро дар ҷойҳои зарардида истифода бояд кард;

- бадинаҳои гармидиҳандаро то дами эҳсоси гармӣ пайдо шудан ва барқароршавии ҳассосияти пӯст гузоштан лозим аст;

- беҳаракатии дастҳо, пойҳо, қисмати бадани хунукзадаро таъмин кардан зарур аст;

- дар ҳолати хунукзании умумӣ, фавран ҷабрдида ба муассисаи тиббии наздиктарин бидуни кашидани либос ва бандинаҳои гармидиҳанда дастрас карда мешавад.

23. Ҳангоми ғарқшавӣ чунин кумаки аввалияи тиббӣ расонида мешавад:

- бомулоҳиза, оромона ва эҳтиёткорона амал кардан лозим аст;

- шахси кумакрасон бояд хуб шино ва ғӯта зада тавонад, аз усулҳои ҳамлу нақл бохабар бошад ва худро аз чанголи ғарқшаванда раҳо карда тавонад;

- аз рӯйи имконият даҳон ва гулӯи ғарқшаванда ҳарчи зудтар тоза карда шавад;

- аз роҳҳои нафас обро хориҷ кардан зарур аст;

- агар пас аз хориҷ кардани об ҷабрдида дар ҳолати беҳушӣ қарор дошта, дар рагҳои шараёнии хобаш набз набошад, нафас нагирад, нафасдиҳии сунъӣ ва маҳси берунаи дил гузаронида шавад;

- ҳангоми барқарор кардани нафас ва баҳушоӣ ўро зуд печонида, барояш қаҳваи талх ва чойи гарм нўшонидан зарур аст.

24. Ҳангоми заҳролудшавӣ аз моддаҳои кимиёвӣ кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- ҳангоми заҳролудшавии кимиёвӣ тадбирҳои осони қатъ гардидани дохилшавии заҳр ба таркиби хун (шустани меъда, нест ва тоза кардани заҳр аз сатҳи пўст ва луобпардаҳо) андешида мешавад. Гузаронидани доруи подзаҳр дар сурати ин нишондодҳо мумкин аст;

- ҳангоми заҳролудшавӣ аз газҳо ҷабрдидаро аз минтақаи газнок ба ҷойи кушодаи шамолрас берун оварда, либосҳои тангу ҷафсшудаи маҳдудкунандаи ҳаворо баровардан зарур аст;

- дар мавриди қатъ гардидани нафас нафаси сунъӣ истифода мешавад;

- ҳангоми зарурат ба ҷабрдида ниқоби зиддигазӣ пўшонида шавад;

- ҳангоми заҳролудшавӣ аз моддаи хлор баданро гарм намуда, бо маҳлули 2% гипосулфити натрий ё бо оксиген нафас додан зарур аст;

- чашмон, даҳон ва биниро бо маҳлули 2% соддаи хўрока шуста, шири гармро бо содда омехта карда нўшонидан зарур аст;

- нафасдиҳии сунъӣ кардан манъ аст;

- ҳангоми заҳролудшавӣ аз моддаи аммиак ҳавои тоза ва нафаскашии буғи гарм ҳатмӣ буда, бо истифода аз имкониятҳо шири гарм нўшонида, дар ҳама ҳолат фавран "кумаки таъҷилӣ" даъват намудан лозим аст;

- дар мавриди заҳролудшавӣ аз моддаи метанол шустани меъда, зиёд нўшидан, фавран бистарӣ намудан зарур аст.

## 3. МАҶМЎИ ТАДБИРҲОИ ЭҲЁГАРОӢ

25. Агар ҷабрдида дар ҳолати беҳушӣ бошад, нафаскашӣ ва набз надошта бошад, пўсташ кабудранг ва марҷумаки чашм васеъ бошад, фавран ба тадбирҳои нафасдиҳии сунъӣ ва маҳси берунаи дил оғоз кардан лозим аст.

26. Ҳангоми гузаронидани нафасдиҳии сунъӣ кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- агар ҷабрдида дар ҳолати беҳушӣ буда, нафаскашӣ ва набз надошта бошад, пӯст кабудранг бошад ва марҷумаки чашм васеъ бошад;

- вақте ки ҷабрдида нафас намекашад ё на он қадар хуб нафас мекашад (кам, беихтиёрона) ва агар нафаскашиаш доимо бадтар шавад;

- агар набзи ҷабрдида хуб муайян карда шавад, танҳо нафасдиҳии сунъӣ гузаронидан зарур мебошад. Фосилаи байни ҳаводиҳии сунъӣ бояд 5 сонияро ташкил намояд (вобаста ба зичии нафаскашӣ 12 маротиба дар як дақиқа);

- ба кӯдакони хурд дар як вақт ба даҳон ва бинӣ ҳаво медиҳанд. Ҳар қадар кӯдак хурдтар бошад, ҳамон қадар ба ӯ камтар ҳаво додан лозим ва ҳамон қадар зуд-зуд ҳаво фиристонида шавад (15-18 маротиба ҳаводиҳӣ дар як дақиқа);

- ҷабрдидаро ба тахтапушташ хобондан лозим аст, либоси танги баданро, ки нафаскаширо маҳдуд мекунад кушода, мустақилии роҳҳои болоии нафаскаширо бояд таъмин кард.

27. Ҳангоми гузаронидани маҳси берунаи дил кумаки аввалияи тиббии зерин расонида мешавад:

- бозмондани кори дил барои ин амал нишондиҳанда мебошад;

- ҷабрдидаро ба пойгоҳи мустаҳкам асосёфта хобонидан лозим аст (нимкатҳо, фарш, ҳамчун чораи охирин тахта гузоштани дар зери пушташон);

- агар эҳёшавӣ аз ҷониби як нафар гузаронида шавад, пас ба ҳар ду маротиба ҳаво фиристонии пурра (нафасдиҳӣ) ӯ ба қафаси сина 15 маротиба фишор медиҳад;

- ба ҳар ду дақиқаи маҳси дил барои муайян кардани набзи рагҳои шараёнии каротидӣ ду се сония бояд маҳскунӣ қатъ карда шавад;

- зарур аст, ки суръати такони фишордиҳӣ бо зарбаҳои зуд амалӣ шавад, ки қафаси сина 4-5 см беҷошуда, давомнокии фишор ва фосилаи байни он на бештар аз 0,5 сония бошад;

- дар як дақиқа ҳадди ақкал 60 маротиба фишор ва 12 маротиба ҳаводиҳӣ гузаронидан лозим аст, яъне 72 амалиёт анҷом дода мешавад.

## 4. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ НУҚТАИ БАСТУБАНДӢ

28. Вазифаҳои асосии нуқтаи бастубандӣ аз гузаронидани чорабиниҳои зерин иборат аст:

- расонидани кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва кумаки тиббии махсусгардонидашуда;

- гузаронидани омодагии пеш аз ҷарроҳии ҷабрдидагон дар ҳолатҳои фавқулода бо ҷароҳатбардори механикӣ ва термикии дараҷаи вазнин ва миёна;

- гузаронидани тадбирҳои ҷарроҳии таъҷилӣ ва таъхирнопазир ҳангоми захмбардорӣ, ҷароҳатбардорӣ ва бемориҳои вобаста ба ҷарроҳӣ;

- расонидани кумаки машваратӣ оид ба пешгирӣ, ташхис ва расонидани кумаки тиббӣ ба ҷабрдидагон ба мутахассисони тиббии дигар идораҳо ва ташкилоти тиббӣ, ки дар рафъи оқибатҳои тиббию санитарии ҳолатҳои фавқулода иштирок доранд;

- амалисозии маҷмуъкунонӣ ва назорат аз рӯи шароити нигоҳдошт, ҳолати онҳо ва навсозии таркибии бахшҳои тиббӣ (таҷҳизоте), ки барои таъмини кори нуқта пешбинӣ шудаанд.

29. Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳодисаҳои ба ҳолатҳои фавқулода вобастабуда намудҳои бандинаҳои зерин истифода карда мешавад:

- доирашакл (даст, пешона);

- мавҷшакл (дасту пойҳо);

- шакли ҳаштмонанд (буғумҳо, кафи пойҳо);

- салибшакл (қафаси сина, тахтапӯшт);

- рӯймолмонанд (сар, буғуми оринҷ, думба);

- фалахмонанд (ҷоғ ё манаҳ, бинӣ, пушти сар).

30. Ҳамаи амалиёти асосӣ дар асоси маҷмуи дастурҳои клиникӣ, протоколҳои клиникӣ ва стандартҳои аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқшуда амалӣ карда мешавад.

## 5. ТАШКИЛ ВА АМАЛИСОЗИИ ТАСНИФОТИ ТИББӢ

31. Таснифоти тиббӣ усули ба гурӯҳҳо тақсим кардани ҷабрдидагон (беморон) вобаста ба нишондодҳои тиббӣ, ҳаҷми муқарраршудаи кумаки тиббӣ ва тартиби қабулшудаи таҳлиякунии тиббӣ мебошад. Таснифоти тиббии ҷабрдидагон аз ҷониби кормандони соҳаи тиб бевосита дар минтақаи ҳолати фавқулода ва ҳангоми воридшавии ҷабрдидагон ба ташкилоти тиббие, ки барои рафъи оқибатҳои тиббию санитарӣ ҷалб гаштааст, анҷом дода мешавад. Дар минтақаи ҳолати фавқулода (нуқтаи ҷамъоварии ҷабрдидагон, маҳалли рух додани ҳодиса) таснифоти тиббии ҷабрдидагон аз ҷониби корманди масъули тиббии шабакаи ҳудудии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ё аз ҷониби духтури гурӯҳи сайёри кумаки таъҷилӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

32. Маҷмуи амалҳо ҳангоми навъҷудокунии тиббии ҷабрдидагон дар минтақаи ҳолати фавқулода чунин аст:

- **гурӯҳи якум** - ҷабрдидагони ҷароҳатҳои вазнин ва ниҳоят вазнин бардошта, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ ниёз дошта, он дар шакли фаврӣ расонида мешавад (нуқсонбардориҳо, дигар ҳолатҳо);

- **гурӯҳи дуюм** - ҷабрдидагоне, ки ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ё миёна (нуқсонбардориҳо) доранд, ки ба ҳаёт бевосита таҳдиди хавф надоранд;

- **гурӯҳи сеюм** - ҷабрдидагон бо нуқсонбардории шакли сабук, ки ба расонидани кумаки тиббии таъҷилӣ ва фаврӣ ниёз надоранд.

33. Ба ҳайати гурӯҳҳои таснифотӣ духтурони ботаҷрибае шомил мешаванд, ки онҳо метавонанд дар шароити қабули оммавии ҷабрдидагон бе истифодаи усулҳои меҳнатталаби тадқиқотӣ, дар як муддати кутоҳ (3-5 дақиқа) бехато ташхис гузаронанд, ки ба ҳолати ҷабрдида ҷавобгӯ буда, қарори дуруст қабул кунанд, инчунин аз вазъияти муассисаи тиббие, ки ҷабрдидагонро қабул мекунад, огоҳӣ дошта бошанд.

34. Дар рафти таснифоти тиббии ҷабрдидагон се вазифаи асосӣ ҳаллу фасл карда мешавад:

- муайян намудани хавф барои дигарон ва барои худи ҷабрдида;

- интихоби тарзи дурусти расонидани кумаки тиббӣ ва табобат;

- қабули қарор доир ба таҳлиякунии тиббӣ.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

35. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Тартиби мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.